**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KAO-026-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ҳасанов Шарифхуҷа Қозиевич дар мавзӯи «Омилҳои сиёсию ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ» (дар асоси таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) пешниҳод шудааст.**

Дар Тоҷикистон оид ба масъалаҳои мансуб ба коррупсия ва заминаҳое, ки ин амалро ба вуҷуд меорад, диққати махсус дода шуда, дар ин замина силсилаи қонунҳо, консепсияҳо, стратегияҳо қабул гардидаанд. Бо мақсади баланд бардоштани сиёсати зиддикоррупсионӣ корҳои зиёде ба сомон расонида шуда, ин падидаи номатлуб мавриди таҳқиқи олимони соҳа қарор гирифтааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омӯзиш ва баррасии мушкилоти коррупсия таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, ҷанбаҳои алоҳидаи он: омилҳо ва сабабҳои асосии сар задани амалҳои коррупсионӣ, пайомадҳои шаклҳои алоҳидаи амалҳои коррупсионӣ, заминаҳои ҳуқуқии мубориза бо коррупсия, механизмҳои умумии маҳдуд намудани амалҳои коррупсионӣ аз ҷониби сиёсатшиносон, ҷомеашиносон ва ҳуқуқшиносон мавриди таҳқиқи алоҳида қарор дода шудаанд.

Таҳқиққунандагон асосан такмил додани низоми сиёсию ҳуқуқии ҷомеаро кафолати асосии мубориза бар зидди коррупсия медонанд. Аз ин рӯ, имрӯз муқовимати фаъол бо падидаҳои коррупсионӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат ва ислоҳоти низоми ҳуқуқӣ маҳсуб меёбад.

Имрӯз таҳлили сиёсии фаъолияти зиддикоррупсионии давлат тавассути таҳия ва қабули қарорҳои муносиб дар низоми идоракунии давлат, пешгирӣ

ва ба ҳадди ақал расонидани падидаҳои коррупсионӣ ба мавзӯи доғи рӯзи ҷомеа мубаддал шудааст.

Бояд қайд кард, ки мубориза ба ин падидаи номатлуб дар тамоми давру замон диққати ҳамагонро ба худ ҷалб намудааст, чунки он метавонад ба ташаккули иҷтимоию иқтисодии мамлакатҳо таъсири манфии худро расонад. Тақрибан тамоми кишварҳои олам, ки дорои муносибатҳои расмии байналмилалӣ мебошанд, дар доираи ҳамкориҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ ба комёбию дастовардҳои бузурги қонунгузории миллӣ ноил гардидаанд. Аз ин лиҳоз, омӯзиш ва ташвиқу тарғиби таҷрибаи байналмилалии мубориза бо коррупсия дар бартараф намудани нуқсони бесаводӣ ва беҳтар намудани сатҳи фарҳанг ва ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ нақш мебозад.

Муҳаққиқи диссертатсия дуруст зикр мекунад, ки ин падидаи номатлуб дар шароити Тоҷикистон низ авҷ гирифта, барои рушди устувори кишвар монеаҳои ҷиддӣ ба миён овардааст.

Пайдо намудани омилҳои муқовимат бо падидаҳои коррупсионӣ дар сохтори мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва муайян кардани роҳҳои самараноки пешгирӣ ва ба ҳадди ақал расонидани падидаҳои коррупсионӣ дар кишвар аҳамияти хосаи илмӣ пайдо намудааст. Аз ин рӯ, бо такя ба омилҳои номбурда масъалаи пажӯҳиш ва дарёфти роҳу восита ва омилҳои сиёсиву ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия дар сохтори мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи басо муҳим буда, сабаби асосии интихоби мавзӯи таҳқиқотии мазкур гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро** муайян намудани сабабу оқибатҳои коррупсия, таҳияи механизмҳои сиёсии муқовимат бо коррупсия дар сатҳи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва пешниҳодҳо доир ба такмил додани технологияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил додааст. Дар диссертатсия чунин нуктаҳо мавриди таҳлили амиқ қарор гирифта, ҳаллу фасл шудаанд:

– мафҳуми «сиёсати зиддикоррупсионӣ» тибқи таҳлили муқоисавии назарияҳои илми сиёсатшиносӣ ва бо дарназардошти нақши ниҳодҳои

ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун субъектҳои фаъоли муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ такмил дода шудааст;

– афзалияти муносибати криминологӣ ба таърифи коррупсия, сарфи назар аз кофӣ набудани истифодаи фақат меъёрҳои криминологӣ барои таҳқиқи коррупсия ҳамчун зуҳуроти мураккаби иҷтимоӣ асоснок карда шудааст;

– стратегияҳои муқовимат бо коррупсия, аз қабили «стратегияи ҷанг», стратегияи ғайрифаъоли бошуурона, стратегияи бартарафсозии шароит ва омилҳои асосии муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ошкор карда шудааст;

– муҳимтарин омилҳои сиёсию ҳуқуқӣ ва идеологии муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ асоснок карда шудааст;

– чораҳои нисбатан муҳимми меъёрии ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия дар сатҳи мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст;

– бо дарназардошти зарурати андешидани тадбирҳои нав самтҳои афзалиятноки сиёсию идоракунии муқовимат бо коррупсия дар сатҳи мақомоти ҳокимияти давлатӣ муайян карда шудааст;

– шартҳо ва омилҳои муассири танзими сиёсию ҳуқуқӣ ҷиҳати ҷанбаи зиддикоррупсионӣ гирифтани иқтисодиёт асоснок карда шудааст.

– сабабҳои пайдоиш ва амалишавии манфиатҳои моддии коррупсионӣ дар чаҳорчӯби тадбирҳои сиёсӣ ва ё равандҳои тавсифкунандаи робитаҳои имконпазир, инчунин сабабҳои аз мақомоти ифодакунандаи манфиатҳои ҷамъиятӣ ба мақомоти ифодакунандаи манфиатҳои иқтисодии хусусӣ, шахсӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ табдил ёфтани сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ошкор гардидааст;

– дар асоси таҳлили тамоюли рушди «иқтисодиёти ниҳонӣ» дар ҷумҳурӣ самтҳо ва имкониятҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсии муқовимат бо коррупсия муайян карда шудааст;

– бо дарназардошти вижагиҳои рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҷумҳурӣ (кӯшишҳои татбиқи арзишҳои ғарбӣ ва ҳамзамон вуҷуд доштани ҷомеаи шаҳрвандии ғайримуташаккил), ки бояд ташаккули низоми нави муносибатҳои миёни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандиро инъикос намояд, хусусиятҳои рушди таърихӣ ва иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ асоснок карда шудааст;

– маҷмӯи тадбирҳои самараноки иқтисодии саркӯб кардани коррупсия, ки ба ташаккул ва амалисозии манфиатҳои иқтисодии коррупсионӣ монеа шуда метавонад, инчунин маҷмӯи тадбирҳои комилан нав, ки ба барҳамдиҳии заминаҳои пайдоиши манфиатҳои иқтисодии коррупсионӣ нигаронида шудааст, пешниҳод гардидааст;

– дар чаҳорчӯбаи назарияи манфиатҳо ва рентаи сиёсӣ тарҳи муҳимми “вектор”-и мубориза бо коррупсия дар кишвар, ки ба бунёди шакли нави ҳамкории ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат асос ёфтааст, таҳия шудааст;

– дар асоси омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ҷиҳати мубориза бо коррупсия тавсияҳои илмӣ роҷеъ ба идоракунии давлатии ҳаёти ҷамъиятӣ таҳия ва пешниҳод гардидааст;

– як қатор омилҳо ва тадбирҳои сифатан нав оид ба такмили сохтори ниҳодии ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки ба фароҳам овардани шароит барои ҳимояи манфиатҳои воқеии аҳолӣ ва муқовимат бо муносибатҳои коррупсионӣ мусоидат мекунанд, пешниҳод карда шудаанд.

Бояд зикр кард, ки дар боби аввал диссертатсия «**Асосхои назариявию методологии таҳқиқи назарияи коррупсия**» муҳаққиқ таҳқиқи ҷабҳаҳои назариявию методологии коррупсияро ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ, сабабҳои пайдоиш ва решаҳои таърихии онро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Фасли аввал ба таҳқиқи масъалаи «***Асосҳои назариявии таҳқиқи коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ***» бахшида шуда, дар он иброз мегардад, ки илмҳои муосири ҷомеашиносӣ, аз ҷумла сиёсатшиносӣ,

мафҳуми коррупсияро ҳамчун мафҳуми умумиилмӣ баррасӣ карда, дарки илмӣ, кушодани мазмуну мундариҷаи онро мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Коррупсия падидаи иҷтимоии бисёрҷабҳа буда, дар шаклҳои мухталиф зуҳур меёбад, ки ҳолати мазкур ошкор намудани моҳияти онро душвор мегардонад. Ин вазифа саравввал водор месозад, ки ҳадафи аниқу дақиқ муайян кардани мафҳуми коррупсия ошкор гардад, ки он мафҳуми бунёдӣ ва асоси методологии таҳқиқоти диссертант ба шумор меравад.

Муҳаққиқ зимни таҳқиқи масъалаи коррупсия аз ақидаҳои олимону файласуфон ба монанди Афлотун, Арасту, Фукидид, Макиавелли, Ш.Л.Монтеские, Г.Г.Гротсий, Т.Гоббс, Ж.Ж.Русс ва донишманди рус А.И. Кирпичников мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Назарияи асосии диссертатсияро дар ин фасл афкори сотсиологи олмонӣ М.Вебер дар ташаккули мафҳумҳои илмии омӯзиши коррупсия ҳамчун унсури воқеияти иҷтимоӣ ташкил медиҳад, ки бебаҳо мебошад. Ӯ ҳангоми таҳлили зуҳуроти коррупсионӣ дар ҷомеа талош кард, ки аз волоияти меъёрҳои ахлоқӣ сарфи назар намояд.

Дар фасли дуюми боби якум «***Ҷанбаҳои методологии назарияи коррупсия***» таҳқиқ гардида, муаллиф коррупсияро яке аз проблемаҳои ташвишовари инсоният дар ҳама давру замон ва дар тамоми миқёси давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мекунад.

Ба назари муаллиф масъалаи муқовимат бо коррупсия яке аз мубрамтарин мушкилоти ҷомеаи кунунӣ мебошад, зеро дар низоми идоракунии давлатӣ доираи амалҳои коррупсионӣ ба миқёси таҳдидкунанда ба амнияти миллӣ расидааст. Зарурати таҳлилу тадқиқи сабабу хусусиятҳои пайдоиши коррупсия ба яке аз масоили умда, мубрам ва доғи рӯз табдил ёфтааст.

Зимни омӯзиши масъалаи коррупсия дар Тоҷикистон саҳми як зумра муҳаққиқон аз қабили Г.Н.Зокиров, Р.Ш.Нуриддинов, А.А.Шамолов ва дигарон назаррас аст, ки диссертант аз онҳо дар диссертатсия ёдовар мешавад. Онҳо тавонистанд, ки сабабу хусусиятҳои пайдоиши коррупсияро

пас аз фурӯпошии низоми шӯравӣ дар кишварҳои пасошӯравӣ нишон диҳанд. Коррупсия рушди босуботи иктисодиву иҷтимоии кишварро халалдор намуда, боиси нигаронии шаҳрвандон шудааст.

Дар масъалаи сиёсати зиддикоррупсионии ҳуқуқӣ диссертант тарафдори нуктаи назари олими Русия Н.В. Исаков буда, андешаи ӯро дар хусуси он ки сиёсат ба ғайр аз ҷанбаи идеологӣ доштан боз амалишавии ормонҳо ва акидаҳо халкро амалӣ месозад, кобили кабул медонад.

Сиёсати зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба принсипҳо ва меъёрҳои Конститутсияи ҷумҳурӣ, принсип ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии аз ҷониби умум эътирофшуда асос ёфтааст. Сиёсати зиддикоррупсионии илман асоснок бояд дар заминаи таҳкикот ва ошкорсозии сабабҳо ва шароити пайдоиши коррупсия дар макомоти ҳокимияти давлатӣ сурат гирад.

Ҳамин тавр, ҷанбаҳои методологию назариявии коррупсияро омӯхта, ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1.Сиёсати зиддикоррупсионӣ ин маҷмӯи тадбирҳои давлатӣ доир ба муковимат бо каҷрафтории шахсони мансабдори макомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ мебошад.

2.Сиёсати зиддикоррупсионии ҳуқуқӣ фаъолияти амалии субъектҳои салоҳиятдор оид ба амалисозии фаъолиятҳои банақшагирифташуда дар соҳаи муковимат бо коррупсия аст.

3.Мафҳуми «сиёсати зиддикоррупсионӣ» гуногунмаъно буда, он бо омилҳои хосияти субъективӣ ва объективидошта муайян карда мешавад.

4.Сиёсати зиддикоррупсионӣ ин маҷмӯи фаъолиятест, ки асоси онро ғояҳои муҳимми ҳуқуқии муковимат бо коррупсияро муайян мекунад.

Дар фасли сеюм «***Сабабҳои пайдоиш ва рушди коррупсия ҳамчун зуҳуроти иҷтимоию сиёсӣ***» диссертант дар бораи сабабу заминаҳои бавуҷудоии коррупсия ва рушду таҳаввули он дар тӯли таърих андеша ба миён мегузорад.

Диссертант якчанд омилҳоеро, ки дар солҳои истиқлолият ба ривоҷи коррупсия сабаб гардидаанд, асоснок намудааст;

– фурӯпошии ИҶШС ва нофаҳмиҳои гурӯҳҳои манфиатхоҳ зимни эълон доштани истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– густариши бӯҳрони амики иқтисодию иҷтимоӣ ва хусусан ахлоқӣ дар кишвар;

– афзудани нақши ҷангсолорон ва фармондеҳони саҳроӣ дар кишвари ҷангзада;

– ҳолатҳои қонуншиканӣ дар раванди хусусигардонии моликияти давлатӣ;

– вуҷуди робитаҳои номатлуб миёни хизматчиёни давлатӣ ва соҳаи соҳибкорӣ;

– ташаккулёбии элитаи олигархӣ, чашмгуруснa ва носолим дар кишвар.

Дар фасли чоруми боби мазкур «***Таҳлили таърихӣ-генетикии рушди коррупсия***» муаллифи диссертатсия баррасии масъалаи таҳаввул ва инкишофи коррупсияро дар тӯли таърихи башарият мавриди омӯзиш қарор додааст.

Муҳаққиқ дуруст қайд мекунад, ки хусусияти давраи имрӯзаи рушди коррупсия дар он аст, ки он падидаи иҷтимоию иқтисодии ҷаҳонӣ шуда, ҷанбаи глобалӣ гирифтааст. Болоравии робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ рушди коррупсияро вусъат мебахшанд, ки дар ин робита сиёсатмадорон ва хизматчиёни давлатӣ бевосита ба таври фаъол амал мекунанд. Дар натиҷа олигархияи молиявии сатҳи байналмилалӣ, ки паноҳгоҳи сиёсӣ дорад, торафт авҷ мегирад.

Боби дуюми диссертатсия «**Дурнамо, самтҳо ва усули сиёсати зиддикоррупсионӣ дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ**» аз ду фасл иборат аст ва фасли якуми он «***Сиёсат, усул ва самтҳои асосии муқовимат бо коррупсия***» масъалаҳое, ки самтҳои сиёсат ва асосҳои ҳуқуқии муқовимат бо коррупсияро муайян мекунанд, дар бар мегирад. Муаллиф қайд мекунад, ки

сиёсати зиддикоррупсионӣ аз маҷмӯи донишҳое иборат мебошад, ки дар он моҳияти воқеии коррупсия ифода ёфтааст.

Усули муқовимат бо коррупсия ин маҷмӯи ақидаҳои ҳидояткунандае мебошанд, ки онҳо бояд дар самти муқовимат бо коррупсия ба асос гирифта шаванд, зеро ки натиҷаи дилхоҳ додани муқовимат бо ин падидаи манфӣ, то андозае аз ин амал вобастагӣ дорад, ки аз инҳо иборат аст: баробари ҳама дар назди қонун ва суд; эътирофи раво будани маҳдудкунии ҳуқуқ ва озодиҳои шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор, инчунин шахсони ба онҳо баробар кардашуда мутобиқи моддаи 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; ногузир будани ҷавобгарӣ барои содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои бо коррупсия алоқаманд; манъ будани иҷрои вазифаҳои давлатӣ дар ҳолати бархурди манфиатҳои шахсӣ ва давлатӣ; роҳ надодан ба хешутаборчигӣ, маҳалгароӣ ва пуштибонӣ ҳамчун зуҳуроти кирдорҳои коррупсионӣ; аз тарафи давлат муҳофизат намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор; ҳамкории давлат бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ.

Риояи ҳуқуку озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби давлат кафолат дода шуда, амалӣ намудани он аз ҷониби ҳамагон ҳатмӣ мебошад. Маҳз тавассути ҳамкорӣ ва мусоидати ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мақоматҳои қудратии ҳокимият имконият пайдо мекунад, ки сабабу омилҳои ҷинояткориро муайян карда, фаъолияти муташаккилонаи худро ба бартараф намудани чунин сабабу омилҳо равона намояд. Ба ҳамин мақсад бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои миллии муқовимат бо коррупсия таъсис дода шудааст, ки вазифаи асосии он аз ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ дар самти пешгирӣ ва мубориза бар зидди ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта иборат мебошад.

Дар фасли дуюми боби мазкур «***Шаклҳои асосии зуҳури коррупсия ва омилҳои муқовимат бо он дар Тоҷикистони муосир***» диссертант қайд менамояд, ки дараҷаи омӯзиш ва таҳлили ин масъала ба худ ҷалби истифодаи

методҳои гуногуни илмӣ-назариявӣ ва амалиро тақозо дорад. Коррупсия дар баробари аз худ кардани шаклҳои нави фаъолияти ғайриқонунӣ ва ҷинояткории муташаккил ҳарчи бештар ҷанбаи байналмилалӣ касб кардааст.

Муҳаққиқи ҷавон дуруст менигорад, ки дурнамои ягонаи бисёрҳадафаи мубориза бо коррупсия аз чаҳор самт иборат мебошад: якум, асосҳои ниҳодӣ; дуюм, ниҳодӣ кардани ҳокимияти судии мустақил ва самаранок; сеюм, васеъ кардани соҳаи амали назорати парламентӣ; чорум, таъмин намудани мустақилияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ. Бартарии бебаҳси дурнамои барҳамдиҳии сабабҳои коррупсия дар низоми муайян доштани он аст. Амалҳои коррупсионӣ дар кишвар, бо дигар падидаҳои иҷтимоии устувору бесамар (пардохт накардан, муомилаи поёпой (бартерӣ), худдорӣ кардан аз пардохти андозҳо) сахт омехта шудаанд. Дурнамои барҳамдиҳии сабабҳо дар худ қобилияти мутобиқшавии доимӣ ба коррупсияи таҳаввулёбандаро дорад, ки барои он имконияти худтакрористеҳсолро фароҳам месозад.

Боби сеюми рисолаи илмӣ **«Муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ»** унвон гирифта, аз ду фасл иборат буда, фасли якуми он ба ***«Таҷрибаи ҷаҳонии муқовимат бо коррупсия»*** бахшида шудааст.

Ҳамакнун, тақрибан дар тамоми кишварҳои ҷаҳон падидаи коррупсия ҷой дорад ва баҳри рафъи он тадбирҳои муассир ва судманд мавриди истифода қарор мегиранд. Аммо ин маънои онро надорад, ки дар ҳамаи мамлакатҳо коррупсия зуҳуроти яксон бошад. Зеро сабабҳои бавуҷудоии он ба давраҳои таърихӣ ва ҷанбаҳои гуногуни рушди иҷтимоию иқтисодии ин ё он давлат вобаста буда, куллан дар шаклҳои гуногун зуҳур мекунад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо мурури замон аз ҷониби як қатор кишварҳои ҷаҳон силсилаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия, алалхусус дар соҳаи хизмати давлатӣ ба тасвиб расидаанд. Зимнан, ин санадҳоро дар мисоли «Кодекси одоби хизматчии давлатӣ» ё «Қарор додани теъдоди дастовардҳо оид ба таҷрибаи пешгирӣ ва решакан намудани коррупсия» дар низоми хизмати давлатии баъзе

кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла ИМА, Канада, Англия, Франсия, Олмон, Голландия, Финляндия, Япония, Корея ва Сингапур истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст.

Дурнамои сиёсати зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Халқии Хитой аз таҷрибаи кишварҳои дигар ба таври назаррас фарқ мекунад, ки дар он асосан чораҳои ҷазодиҳӣ афзалият дорад. Дар ин кишвар ғайр аз прокуратура ва низоми судӣ боз ду кумитаи воломақом амал мекунанд, ки яке аз онҳо кумитаи назорат ҳарбӣ ва дигаре кумитаи назорати шаҳрвандӣ мебошад.

Муаллифи диссертатсия таъкид менамояд, ки солҳои охир вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи омӯзиши таҷрибаҳои ҷаҳонӣ санадҳои гуногуни ахлоқу одобро қабул кардаанд, зеро меъёрҳои ахлоқӣ дар пешгирӣ ва ба ҳадди ақал овардани коррупсия дар низоми хизмати давлатӣ нақши муҳим мебозанд.

Дар фасли дуюми боби сеюм «***Омилҳои муқовимат бо коррупсия ва таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти назораткунанда дар ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон***» диссертант таъкид мекунад, ки коррупсия таносуби байни зерсохторҳои ҳокимиятро хароб сохта, боварии мардумро ба давлат коҳиш медиҳад, ҷудоии байни ҷомеа ва давлатро дучанд месозад ва барои пойдории давлат хатари ҷиддӣ эҷод мекунад. Муҳаққиқ У.Райзман назарияи номувофиқии меъёрии барои шарҳи коррупсия пешниҳодшударо истифода мекунад, ки диссертант ба ақидаи ӯ комилан мувофиқ аст.

Қобили зикр аст, ки асосҳо ва усули асосии ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд. Аз ҷумла, дар боби дуюми он ҳуқуқ ва озодиҳои табиии инсон ва шаҳрванд расман эътироф шудааст. Дар моддаи 5-уми Конститутсия инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ номида шудаанд.

Муаллифи диссертатсия ба чунин хулоса меояд, ки омилҳои гуногуни муқовимат бо коррупсия дар ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурате самараи дилхоҳ дода метавонад, ки агар тамоми мақомоти давлатӣ,

шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва васоити ахбори омма, яъне тамоми аҳли ҷомеа якдилона бар зидди ин падидаи номатлуб мубориза баранд.

Боби чоруми диссертатсия **«Роҳҳои баланд бардоштани нақши ниҳодҳои давлатӣ ва сиёсию ҷамъиятӣ дар мубориза бар зидди коррупсия»** унвон дошта, аз се фасл иборат аст. Дар фасли якуми он «***Баланд бардоштани нақши ниҳодҳои идоракунии давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мубориза бар зидди коррупсия***» диссертант баррасии масъалаи таъсири фаъолияти ниҳодҳои номбурдаро дар мубориза бар зидди коррупсия ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Бесамарии таъсири методҳои пешина ба рафтори одамони дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ фаъолиятдошта зарурати истифодаи стандартҳои нави мубориззаро ба миён меорад, ки бо таҷрибаи давлатҳои дорои низомҳои ташаккулёфтаи хизмати давлатӣ мувофиқат мебошад.

Дар кори муқовимат бо коррупсия дар сатҳи мақомоти ҳокимияти давлатӣ зарурати ташаккули фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандонро махсус бояд таъкид кард. Воқеан, муносибати бошууронаи ҷомеа ва афрод нисбат ба ҳуқуқ зарурати таҳияи меъёрҳои нави ҳуқуқии ташаккули фарҳанги ҳуқуқиро ба миён меоварад.

Фаъолияти мақомоти қонунбарор дар шароити ҳозира метавонад ҳамчун омиле баромад намояд, ки дар инкишофи амалҳои коррупсионӣ саҳми бештар дорад. Бисёр санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ манбаъҳои амалҳои коррупсиониро ба миён меоранд. Дар Тоҷикистон беш аз пеш чунин ниҳодҳои маъруфи самти шаҳрвандӣ, аз қабили созмонҳои хайрия, таҳсилотӣ, иттиҳодияҳои ҳимояи ҳуқуқ, воситаҳои ахбори омма эътирофи ҷамъиятӣ пайдо кардаанд.

Муаллиф дар хотимаи фасли мазкур ба чунин хулосаҳо омадааст:

- барои ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва рушди некӯаҳволии мардум ҳизбҳои сиёсӣ, васоити ахбори омма ва ғайра бояд фаъолияти худро ҳамоҳанг созанд;

- коррупсия ва амалҳои коррупсионӣ пояҳои асосии рушди ҷомеаи шаҳрвандиро заиф гардонида, боиси нифоқу низоъҳо дар миёни ниҳодҳо ва дигар бахшҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мегардад;
- дар Тоҷикистон, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахшҳои он давра ба давра ташаккул меёбад, новобаста ба ин пешравиҳо ва ташаккулу инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ, як қатор омилҳо садди роҳи рушд ва инкишоф мешавад.

Муаллиф дар шароити кунунӣ дар кишвар таъсис намудани як ниҳоди таҳқиқотӣ оид ба омӯхтан ва бартараф намудани амалҳои коррупсиониро зарур медонад.

Дар фасли дуюми боби охир ***«Ҷойгоҳи давлати иҷтимоӣ дар мубориза бо коррупсия ва такмили тадбирҳои идораи сиёсӣ дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ»*** мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Муаллифи рисола иброз медорад, ки айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи бунёди давлати иҷтимоиро пеш гирифтааст. Тавре ки маълум аст, раванди бунёди давлати иҷтимоӣ ҷанбаҳои илмӣ, меъёрӣ ва эмпирикиро дар бар мегирад. Ҷанбаи илмӣ фарогири ташаккул ва инкишофи ғояҳо ва консепсияҳои мухталиф буда, ҷанбаи меъёрӣ принсипҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқиро муқаррар менамояд ва ҷанбаи эмпирикӣ таҷрибаи воқеии фаъолияти сохторҳои ҳокимияти давлатӣ оид ба ҳалли проблемаҳои иҷтимоии ҷомеаро инъикос менамояд.

Муҳаққиқ ба хулоса меояд, ки имрӯз бидуни давлати нерӯманде, ки аз тарафи иттиҳодияҳои шаҳрвандӣ дастгирӣ карда мешавад, бе давлати қодир ба ҳимояи шаҳрвандони худ аз таҳдидҳои дохилию хориҷӣ, таъминкунандаи ҳифзи иҷтимоии қишрҳои ҷомеа (собиқадорони меҳнат, нафақахӯрон, беморони барҷомонда, кӯдакон ва ғайра) ва инчунин, бидуни ташаккули ҷомеаи шаҳрвандии коршоям, низоми давлатдорӣ маҳкум ба нокомӣ хоҳад гардид.

Фасли сеюми боби чорум ба ***«Бунёди давлати босамар ҳамчун марҳилаи нави ҳамкории давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ»*** бахшида шудааст.

Дар замони ҳозира нақш ва вазифаи давлат дар иқтисодиёт мавриди бознигарӣ қарор мегирад. Чунки тағйироти сифатии ба таври воқеӣ дар ҷомеа баамаломада ногузир боиси тағйирёбии моҳияти давлат гардидааст. Ҳамзамон бо рушди заминаҳои иҷтимоию иқтисодии давлат вазифаҳои бунёдкории он васеъ мешаванд. Акнун давлат ҳарчи бештар ба нерӯи ташкилкунандаи ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, ҳимоятгари манфиатҳои шахсӣ ва ҳуқуқҳои одамон табдил меёбад.

Муаллиф дар ин фасл қайд менамояд, ки таҷрибаи як силсила кишварҳо (махсусан, кишварҳои Скандинавия ва Хитой) нишон медиҳад, ки рушди иқтисодиёти солҳои охир, сирфан натиҷаи иқтисодиёти бозорӣ, аз қабили реҷаи моликият ва омилҳои нархгузорӣ набуда, балки фаъолияти самараноки давлат дар бахши таъиноти иҷтимоии он мебошад.

Омӯхтани таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар амалисозии чораҳои маъмурию ҳуқуқии муқовимат ба коррупсия дар низоми хизмати давлатӣ ба он имкон медиҳад, ки бисёр давлатҳо воситаҳои якхелаи маъмурию ҳуқуқии муқовимат ва бартарафкунии коррупсияро ташкил намудаанд, ки ба шакли сохти давлатӣ ва хусусиятҳои гуногуни миллӣ вобастагӣ надоранд. Муҳтавои назарияи пешгирӣ ва бартарафсозии коррупсия дар низоми хизмати давлатии кишварҳои хориҷӣ аз дақиқ муайян кардани вазъи маъмурию ҳуқуқии хизматчии давлатӣ, амалисозии назорати вазифавӣ аз болои фаъолияти хизматии ӯ мебошад.

Сарфи назар аз вижагиҳои низоми хизмати давлатии мамолики пешрафтаи саноатӣ таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба амалисозии омилҳои сиёсию идоракунии муқовимат бо коррупсияро метавон дар раванди ислоҳоти ҷараёндоштаи кишвар истифода намуд.

Муаллиф қайд кардааст, ки дар кори танзими сиёсию идоракунии муносибатҳои давлатию хизматӣ ба назар гирифтани таҷрибаи кишвари Канада мувофиқи мақсад мебошад. Хизмати давлатӣ дар Канада яке аз мустақилтарин аз ҷиҳати муқовимат бо коррупсия ба шумор меравад.

Таҷрибаи ин кишвар дар кори амалисозии воситаҳои маъмурию ҳуқуқии пешгирӣ ва бартарафсозии коррупсия қобили таваҷҷуҳ аст.

Ба қатори муҳимтарин омилҳои сиёсию идоракунии муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ бояд воситаҳои иттилотию ҳуқуқиро ворид намуд, ки он ба эҷоди роҳҳои тамоси доимии электронии шахс бо давлат ва тартиби ошкоро будани муомилоти пулӣ нигаронида шуда бошад. Воситаҳои иттилоотӣ имкон медиҳанд, ки гузариш ба шиносномаҳои электронӣ, овоздиҳии электронӣ ва санҷиши натиҷаи он дар махзани додаҳои умумии иттилоотӣ, анҷом додани муомилот, ҳуқуқи молумулкӣ ва бақайдгирии фосилавии онҳо, баъдан супоридани андоз дар речаи нимхудкоргардида ва ё пурра худкоргардида таъмин карда шавад.

Дар қисмати хулосаи кори диссертатсионӣ муҳаққиқ аз анҷоми корҳои иҷрошуда натиҷагирӣ карда, ба хулосае омадааст, ки дар шароити кунунӣ таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки новобаста ба сатҳи тараққиёт ва сифати ҳаёт, ҳатто дар давлатҳое, ки баландтарин нишондиҳандаҳои маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолиро доранд, дар сатҳҳои гуногуни муносибати байни одамон, низоми давлатдорӣ, иҷрои вазифаҳои касбӣ, робитаҳои тиҷоратӣ ва ғайра падидаи номатлуби коррупсия ва амалҳои коррупсионӣ ҷой доранд. Чунин хулоса ба он асос меёбад, ки амалҳои коррупсионӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ таърихи тӯлонӣ ва заминаҳои муайяни сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ доранд.

Ташаббусҳо ва стратегияи тасвибнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он мусоидат намуд, ки чораҳои пешгирии зуҳури коррупсия дар ҳамаи самтҳо фаъол гардида, ба рушди нерӯи инсонӣ дар муқовимат бо коррупсия, роҳҳои пешгирӣ ва коҳиш додани шиддати он мусоидат намояд.

Ҷиҳати баланд бардоштани дараҷаи шаффофияти раванди идоракунии давлатӣ, ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои пешгирикунанда дар соҳаи хизмати давлатӣ, муқаррар кардани ҷавобгарӣ барои содир намудани ҳамагуна шаклҳои рафтори коррупсионӣ ва ошкору пешгирӣ намудани чунин амалҳо заминаҳои боэътимод фароҳам оварда шудааст.

Мушкилоте, ки сабаби бавуҷудоии коррупсия гаштааст, натиҷаи ҳамон омилҳое мебошанд, ки ба аксари давлатҳои дар марҳилаи ислоҳот қарордошта хосанд. Махсусан, нақши манфии таназзул ва рукуди иқтисодиёт, ноороми сиёсӣ, номукаммалии қонунгузорӣ, самаранок набудани фаъолияти ниҳодҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, беҳад заиф гардидан ва рушд наёфтани ҷомеаи шаҳрвандӣ ва набудани анъанаҳои побарҷои демократиро метавон ба ин омилҳо шомил кард.

Диссертант дар анҷоми тадқиқот якчанд тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод менамояд, ки қобили қабул ҳастанд.

Рисолаи мазкур бо вуҷуди афзалиятҳои арзандаи илмӣ баъзе камбудиҳо низ дорад:

1. Дар омода намудани диссертатсия муаллиф аз методҳои гуногун самаранок истифода намуда, ба истифодаи методӣ муқоисавӣ кам аҳамият додааст.

2. Хуб мешуд, ки диссертант аз таҳқиқотҳои олимони ватанӣ вобаста ба масъалаи марбат бештар аҳамият дода, мушоҳидаҳои шахсии худро бисёртар пешниҳод менамуд.

3. Новобаста ба он ки кор дар сатҳи зарурӣ омода шудааст, аммо аз хатоҳои техникӣ ва забонӣ орӣ нест.

Сарфи назар аз камбудиҳои мавҷуда муаллиф тавонистааст ба мавзӯи доғи рӯз, ки аз дигар амалҳои хатарзо терроризм, экстремизм, хариду фурӯши одамон ва ба инҳо хатараш кам нест, даст занад.

Хулосаи рисолаи диссертатсияи Ҳасанов Шарифхуҷа Қозиевич шаҳодати он аст, ки вай маводҳои истифодашударо дарк намуда, бо истифода аз усулҳои замонавии таҳқиқот, мустақилона ва эҷодкорона масъалаҳои дар назди худ гузошташударо ҳал намудааст. Дар маҷмӯъ, рисолаи Ҳасанов Ш.Қ. дар мавзӯи «Омилҳои сиёсию ҳуқуқии муковимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ» ( дар асоси таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон) арзиши баланди илмӣ дошта, ба талаботи бандҳои 10-12 ва 16-и “Тартиб

додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, комилан ҷавобгӯ мебошад. Аз ин рӯ, муаллифи рисола Ҳасанов Шарифхоҷа Қозиевич барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**Доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, узви вобастаи АМИТ, Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон** **Насриддинзода Э.С.**

**734051, Ҷумҳурии Тоҷикистон.**
**шаҳри Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ, 42**
**тел. моб.: (+992) 902557555**

**Имзои Насриддинзода Э.С.-ро тасдиқ мекунам:**
**Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории махсуси Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Турахонов Ф.**